*Замима ба қатъномаи 48/134*
*Ассамблеяи Генералӣ аз 20*
*декабри соли 1993*

**Принсипҳои марбут ба мақоми муассисаҳои миллӣ, ки ба пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон машғуланд (Принсипҳои Париж)**

Ваколат ва функсияҳо

1. Ба муассисаи миллӣ вазифаи пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон вогузор мегардад.

2. Ба муассисаи миллӣ то ҳадди имкон ваколатҳои васеъ дода мешавад, ки дар санади конститутсионӣ ва ё қонунгузории муайянкунандаи ҳайат ва доираи амали он, возеҳ нишон дода мешаванд.

3. Муассисаи миллӣ, аз ҷумла функсияҳои зеринро амалӣ мекунад:
*а*) ба ҳукумат, парламент ва дигар мақомоти салоҳиятдор ба тариқи машаварат, бо хоҳиши мақомоти дахлдор ва ё бо тартиби амалӣ намудани ҳуқуқи худ барои баррасӣ намудани ҳамаи масъалаҳо бе муроҷиат намудан ба мақомоти болоӣ, фикр, тавсияҳо, пешниҳод ва маърӯзаҳоро оид ба масъалаҳои пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ирсол менамояд. Муассисаи миллӣ метавонад оид ба ошкор кардани он қарор қабул кунад. Ин хулосаҳо, тавсияҳо, пешниҳодҳо ва маърӯзаҳо, инчунин дигар ҳуқуқҳои истисноии муассисаи миллӣ ба соҳаҳои зерин алоқаманданд:

i) ҳама гуна муқаррароти қонунгузорӣ ва маъмурӣ, инчунин муқаррароти вобаста ба мақомоти судӣ ва ба таъмину таҳкими ҳимояи ҳуқуқҳои инсон равонашуда; дар робита ба ин, муассисаи миллӣ қонунгузории амалкунанда ва муқаррароти маъмурӣ, инчунин лоиҳаи қонунҳо ва пешниҳодҳоро меомӯзад ва тавсияҳое медиҳад, ки барои таъмини мутобиқати ин муқаррарот бо принсипҳои асосӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мувофиқи мақсад мешуморад; дар ҳолатҳои зарурӣ вай қабули қонунгузории нав, иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда ва қабул ё тағйири чораҳои маъмуриро тавсия медиҳад;

ii) ҳама гуна ҳолатҳои вайроншавии ҳуқуқҳои инсон, ки он мехоҳад баррасӣ кунад;

iii) омодакунии маърӯзаҳо дар маҷмӯъ оид ба вазъи ҳуқуқи инсон дар давлат, инчунин дар бораи масъалаҳои нисбатан муҳим.

iv) ҷалб намудани диққати ҳукумат ба ҳолатҳои вайроншавии ҳуқуқи инсон дар ҳама қисматҳои давлат, ба он пешниҳод намудани чораҳо ҷиҳати пешгирии чунин вайроншавиҳо ва дар сурати зарурат баён намудани нуқтаи назари худ вобаста ба мавқеъ ва вокуниши ҳукумат;

*b*) мувофиқсозии қонунгузории миллӣ, қоидаҳо ва амалияро бо санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон, ки давлати мазкур аъзои онҳо мебошад ва амалисозии самараноки онҳоро ҳавасманд ва таъмин менамояд;

c) барои тасдиқи санадҳои зикршуда ва ё ҳамроҳ шудан ба онҳо мусоидат мекунад ва амалисозии онҳоро таъмин мекунад;

*d*) дар омодасозии маърӯзаҳое, ки давлатҳо ба мақомот ва кумитаҳои Созмони Милали Муттаҳид, инчунин муассисаҳои минтақавӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои шартномавии худ бояд пешниҳод намоянд, иштирок мекунад ва дар ҳолатҳои зарурӣ фикри худро оид ба ин масъала бо риояи мустақилияти онҳо баён менамояд;

*e*) бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар сохторҳои низоми Созмони Милали Муттаҳид, муассисаҳои минтақавӣ ва муассисаҳои миллии дигар давлатҳо, ки оид ба масъалаҳои пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон салоҳият доранд, ҳамкорӣ кунад;

*f*) дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва тадқиқотӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон мусоидат намояд ва дар амалисозии онҳо дар мактабҳо, донишгоҳҳо ва дар доираҳои касбӣ иштирок кунад;

*g*) вазъи ҳуқуқи инсон ва кӯшишҳо оид ба мубориза бар зидди ҳама шаклҳои табъиз, махсусан табъизи нажодиро тавассути баланд бардоштани маърифати ҷомеа, аз ҷумла бо роҳи иттилоотонӣ ва фаъолияти омӯзишӣ, инчунин тавассути истифодаи ҳама нашриёҳои чопӣ ошкоро баён намояд.

**Ҳайат ва кафолатҳои мустақилият ва гуногунандешӣ**

1. Ҳайати ниҳоди миллӣ ва тартиби таъйини аъзоёни он бо роҳи интихоб шудан ё дигар васила мувофиқи тартиботе муқаррар карда мешавад, ки

тамоми кафолатҳои заруриро барои таъмини намояндагии гуногунандешонаи қувваҳои ҷамъиятӣ (ҷомеаи шаҳрвандӣ), ки дар пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон иштирок менамоянд, фароҳам оварда мешавад, аз ҷумла тавассути истифодаи ваколатҳое, ки имкони ба роҳ мондани ҳамкории самарабахш бо намояндагон ё тавассути иштироки намояндагони:

*a*) ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ки ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва мубориза бар зидди табъизи нажодӣ машғуланд, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои дахлдори ҷамъиятӣ ва касбӣ, масалан иттифоқи ҳуқуқшиносон, табибон, журналистон ва олимони намоён;

*b*) равияҳои гуногуни фалсафӣ ва динӣ;

*c*) донишгоҳҳо ва коршиносони соҳибкасб;

*d*) парламент;

*e*) идораҳои ҳукуматӣ (дар ин сурат намояндагони онҳо дар баррасии масъалаҳо танҳо ба сифати мушовирон иштирок мекунанд).

2. Муассисаи миллӣ бояд дар ихтиёраш инфрасохторе дошта бошад, ки амалишавии фаъолияти муттасили онро таъмин намояд, аз ҷумла маблағгузории кофӣ. Ҳадафи чунин маблағгузорӣ дар он аст, ки ба муассисаи миллӣ имкони доштани ҳайати кормандон ва бинои худро фароҳам орад, то ки он тавонад аз ҳукумат мустақил бошад ва мавриди назорати молиявӣ, ки метавонад ба мустақилияти он таъсир расонад, қарор нагирад.

3. Барои таъмини устувории мандати аъзоёни муассиса, ки бе он мустақилияти комил вуҷуд дошта наметавонад, таъйини онҳо бо санади расмӣ ба тартиб дароварда мешавад ва дар он муҳлати дақиқи амали мандат нишон дода мешавад. Мандат метавонад ба шарти таъмини хусусияти гуногунандешона ҳайати муассисаи миллӣ аз нав дода шавад.

**Усулҳои кор**

Дар доираи фаъолияти худ муассисаи миллӣ:

*a*) ҳама гуна масъалаҳои ба соҳаи салоҳияти он алоқамандро, новобаста аз он ки онҳо аз ҳукумат пешниҳод шуда буданд ва ё бе мурочиат ба

мақоми болоӣ ба баррасӣ гирифта шудаанд, бо пешниҳоди аъзоёни он ва ё ҳар як мурочиаткунанда, озодона баррасӣ менамояд;

*b*) ҳар як шахсро гӯш мекунад ва ҳама гуна иттилоот ва ҳуҷҷатҳои барои арзёбии вазъияти ба соҳаи салоҳияташ дахлдорро талаб карда мегирад;

*c*) бевосита ва ё тавассути дилхоҳ нашрияи чопӣ ба ҷомеа мурочиат мекунад, махсусан барои ошкоро баён намудани фикр ва тавсияҳо;

*d*) бо иштироки ҳамаи аъзоёни худ пайваста ва дар ҳолатҳои зарурӣ пас аз хабардорсозии онҳо ҷаласа мегузаронад;

*e*) дар ҳолати зарурӣ, аз ҳисоби аъзоёнаш гурӯҳҳои корӣ ташкил намуда, барои мусоидат ба амалисозии функсияҳои худ сохторҳои маҳалӣ ва минтақавӣ таъсис медиҳад;

*f*) бо дигар мақомоти судӣ ва ғайрисудӣ, ки ба пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон машғуланд (аз ҷумла, омбудсменҳо, арбитрҳо ва ё дигар мақомоти ба ин монанд) машваратҳо мегузаронад;

*g*) бо назардошти нақши бунёдии ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар тавсеаи фаъолияти муассисаҳои миллӣ, бо ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ки ба пешрафт ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон, рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, мубориза бар зидди нажодпарастӣ, ҳимояи гурӯҳҳои махсусан осебпазир (аз ҷумла, кӯдакон, муҳоҷирони меҳнатӣ, гурезагон, шахсони дорои норасогии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ) ва ё дигар масъалаҳои махсус машғуланд, алоқаҳоро ривоҷ медиҳад.

**Принсипҳои иловагӣ вобаста ба мақоми комиссияҳои дорои ваколатҳои судӣ**

Муассисаи миллӣ барои шунидан ва баррасӣ намудани шикоятҳо ва аризаҳо вобаста ба ҳолати шахсони алоҳида метавонад ваколатдор карда шавад. Маводҳо ба он метавонад аз ҷониби шахсони алоҳида, намояндагони онҳо, тарафҳои сеюм, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, анҷуманҳои иттифоқҳои касаба ва ё дигар созмонҳои намояндагӣ дода шавад. Дар ин сурат бе расонидан зарар ба принсипҳои вобаста ба дигар ваколатҳои комиссия, ки дар боло оварда шудааст, функсияҳои ба онҳо вогузоршуда метавонанд ба принсипҳои зерин асос ёбанд:

*a*) ноил шудан ба ҳалли мусолиҳатомез тариқи оштӣ ва ё дар доираи муқаррароти қонун, тавассути баровардани қарорҳои ҳатмӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ дар асоси махфият;

*b*) огоҳ кардани тарафе, ки дархостро дар бораи ҳуқуқҳои худ пешниҳод мекунад, аз ҷумла дар бораи воситаҳои ҳуқуқии мавҷуда ва мусоидат ба дастрасӣ ба онҳо;

*c*) шунидани ҳама гуна арзу шикоят ё тибқи муқаррароти қонун ба мақомоти дигари салоҳиятдор фиристодани онҳо;

*d*) пешниҳоди тавсияҳо ба мақомоти салоҳиятдор, аз ҷумла бо роҳи пешниҳоди тағйиру иловаҳо ба қонунҳо, қоидаҳо ва амалияи маъмурӣ, хусусан агар онҳо сабаби душвориҳое гардидаанд, ки пешниҳодкунандагони ариза ба хотири ҳимояи ҳуқуқҳои худ бо онҳо дучор шудаанд.